**Дастурамал**
**оиди пур кардани ҳисоботи омории шакли №3-кишоварзӣ**
**«Ҳисобот дар бораи кишти зироатҳои баҳорӣ»**

Ҳисоботи омории шакли 3 - кишоварзиро ҳамаи корхонаҳои кишоварзӣ сарфи назар аз шакли моликияташон ба мақомоти омори ноҳия (шаҳр) аз рӯи маҳалли ҷойгирифтаашон ба санаи 1-уми моҳҳои март то июн барои кишти зироатҳои баҳорӣ, санаи 1-уми моҳҳои июл то сентябр барои кишти такрорӣ ва санаи 1-уми октябр то 1 декабр барои кишти барвақтии зироатҳои баҳорӣ пешниҳод менамоянд.

Ҳисобот дар асоси ҳисоботҳои аввалияи муҳосибавӣ, варақаи кории тракторчӣ - машинист, китоби баҳисобгирии ҳаҷми кор ва музди меҳнат, навиштаҷоти дафтари иҷрои кор дар моҳи ҳисоботӣ ва аз аввали сол бо ҷамъи афзоянда пур карда мешавад. Илова гардидани сутуни моҳи ҳисоботи маънои онро дорад, ки дар сурати дар моҳи ҳисоботӣ кишт нагардидани ягон намуди зироатҳои кишоварзӣ нишондиҳандаи ҷамъи афзоянда бе тағйир ба давраи ҳисоботии моҳи сипаришуда ба таври худкор гузаронида мешавад.

Дар сатри 01 ҳамагӣ кишти баҳорӣ, ҳамаи кишти дар баҳор гузаронидашуда ғайр аз кишти ғаллаи тирамоҳӣ нишон дода мешавад, зироатҳои баҳории барвақтие, ки дар тирамоҳ (моҳҳои сентябр то ноябр) кошта шудааст (картошка, сабзавот ва дигарҳо) дар кишти баҳорӣ ҷамъ карда мешаванд. Ба ин сатр кишти зироатҳои кишоварзии дар натиҷаи офатҳои табиии талафёфта, зироатҳои тирамоҳӣ дохил карда намешаванд ва он алоҳида дар сатри 27-ум ба ҳисоб гирифта мешавад.

Ҳангоми талаф ёфтани кишти зироатҳои баҳорӣ ва аз нав кишт намудани майдони зироати аввала кошташуда аз ҳисобот бароварда шуда, майдони он зироатҳое дохил карда мешавад, ки аз нав кишт шудаанд.

Майдони аз нав киштношуда аз ҳисобот бароварда намешавад:
Дар ин сатр дохил карда намешавад:
- майдони зироатҳои худрӯй;
- кишти такрорӣ;
- байни зироатҳои дар ҷуякҳо киштшаванда (ба ғайр аз кишти байни қаторҳои боғҳо);
- кишти тирамоҳӣ барои хӯроки сабз;
- майдони алафҳо ва зироатҳои бисёрсола;
- кишти солҳои гузашта;
- кишти омехтаи алафҳои бисёрсола.

Дар сатри 02 зироатҳои ғалладонагӣ ва лӯбиёӣ (ба ғайр аз ҷуворимакка) майдони кишти умумии зироатҳои ғалладонагии баҳорӣ, тритикалӣ, ҷавдор, ҷавсар, шолӣ ва дигар ғалладонагиҳо нишон дода мешаванд.

Ба сатри 02 дохил карда намешавад:
- кишти ҷуворимакка;
- ғаллагиҳо ва лӯбиёгиҳои барои хӯроки сабз, коҳ, тарбеда ва чаронидани чорво.
Аз ҳаҷми умумии майдони ғалладона ва лӯбиёгиҳо аз он ҷумла дар сатри 03-гандум, 04-ҷав, 05-шолӣ, 06- дигар ғалладонагиҳо нишон дода мешавад.
Ҳангоми ба ҳисоб гирифтани кишти зироатҳои алоҳида бояд ба назар гирифт, ки;
- сатри 07- ҷуворимакка барои дон, майдони кишти ҷуворимаккаро танҳо барои гирифтани дон пас аз пухта расидан дар назар дошта шудааст;
- сатри 08-зироатҳои техникӣ-ҳамагӣ нишон дода мешавад;
- сатри 09-пахта, майдони кишти умумии пахта дар тамоми намуди заминҳо, аз ҷумла байни боғҳо, қад-қади каналу ҷӯйборҳо;
- сатри 10-аз он ҷумла пахтаи маҳиннах;
- сатри 11- зағир;
- сатри 12 – тамоку, майдони кишти ҳақиқӣ нишон дода мешавад;
- сатри 13 – растаниҳои равғани эфирдор;
- сатри 13а – анҷибар;
- сатри 14 - дигар зироатҳои техникӣ;
- сатри 15 – картошка, кишти барвақтии тирамоҳӣ ва зимистон коридашуда ва баҳориро дар бар мегирад.
- сатри 16 - сабзавот - ҳамагӣ, кишти барвақтии тирамоҳ, зимистон ва баҳор коридашуда ба ғайр аз кишти сабзавот барои тухмӣ дар бар мегирад;
дар сатри 16а – кишти сабзавот барои тухмӣ нишон дода мешавад;
дар сатри 17 – полезиҳои озуқаворӣ дар ин сатр полизиҳои барои тухмӣ ва хӯроки чорво киштшуда дохил карда намешаванд;
дар сатри 17а – ғайр аз он полизиҳои тухмӣ нишон дода мешавад;
- сатри 18 - зироатҳои хӯроки чорво - ҳамагӣ, ҳамаи майдони кишти зироатҳои хӯроки чорворо дар бар мегирад.
Аз он ҷумла:
- сатри 19 - ҷуворимакка барои силос ва хӯроки сабз, сатри 20 - ҷуворимакка бо лаблабӯ, сатри 21 - ҷуворимакка бо юнучка, сатри 22 – алафҳои яксола, сатри 23 – алафҳои бисёрсолаи холиси кишти соли ҷорӣ, сатри 24 – лаблабуи қанд барои хӯроки чорво, сатри 25 – зироатҳои силосбоб, сатри 26 – ғайр аз он алафҳои бисёрсолаи омехта дар алоҳидагӣ нишон дода мешавад.

Дар сатри 27 - кишти зироатҳои кишоварзии талафёфта дар натиҷаи офатҳои табии (тирамоҳӣ ва баҳорӣ) бо намудҳои алоҳида, аз он ҷумла сатри 28 – ғалладона, сатри 29 – пахта, сатри 29а – аз он ҷумла пахтаи

маҳиннах, сатри 30 – картошка, сатри 31 – сабзавот, сатри 32 – полизӣ, сатри 33 - зироатҳои хӯроки чорво нишон дода мешавад.

Майдони зироатҳои киштшуда ба ҷои майдонҳои талафёфта дар сатрҳои 34 – ғалладона, сатри 35 –пахта, сатри 36 –картошка, сатри 37 – сабзавот, сатри 38 –полизӣ, сатри 39 – зироатҳои хӯроки чорво нишон дода мешавад.

Чунонеки дар аввал қайд намудем, ҳисоботи мазкур аз руи давриятҳои муайяншуда барои ҷамъбасти нишондиҳандаҳои кишти такрорӣ дар давраи аз 1 июл то 1 сентябр ва барои кишти барвақтии зироатҳои кишоварзӣ барои давраи аз 1 октябр то 1 декабр амалӣ гардонида мешавад.

Аз ин рӯ, хоҷагиҳои ҷамъиятӣ уҳдадоранд, ки дар давраҳои муайяншуда ҳисоботи мазкурро ба мақомоти маҳаллии омор бо усули электронӣ бо истифода аз утоқи шахсӣ пешниҳод намоянд

Ҳисобот бояд дар мӯҳлатҳои муайяншуда пешниҳод карда шавад, дар сурати риоя нагардидани тартиби пешниҳоди ҳисоботи оморӣ мутобиқи моддаи 515 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати шахсони масъули хоҷагӣ (роҳбар ва сармуҳосиб) аз ҷониби мақомоти ваколатдор чораҳои маъмурӣ андешида мешавад.

Шахсони масъули хоҷагӣ (роҳбар ва сармуҳосиб) барои эътимоднокии нишондиҳандаҳои ҳисобот ва дар мӯҳлати муқарраршуда пешниҳод кардани он ҷавобгар мебошад.